# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна тахти унвони “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Қайд намудан зарур аст, ки таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии феъл муддати зиёдест, ки диққати забоншиносонро ҷалб намудааст. Ин соҳаи илми забоншиносӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзу аҳамияти калон дорад, зеро монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ, дар марҳалаи рушд ва ташаккули грамматика мусоидат менамояд.

Дар таълифи диссертатсия муаллиф аз нигоҳи назарӣ аз дастовардҳои илмӣ, принсипҳо ва усулҳое, ки донишмандони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла забоншиносони маъруфи рус, ки дар ин мавзӯъ таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд, истифода намудааст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳаммияти амалӣ ва назариявии таҳқиқ, нуктаҳои муҳимми рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия меравад.

Дар бахши хулоса натиҷаҳои баррасиву таҳқиқ ва хулосаҳои мушаххас зимни чанд нукта оварда шудаанд.

Дар боби якум “**Масъалаи омӯзиши назарии категорияи шахс ва шумора дар низоми феъл**” заминаҳои назарии омӯзиш ва таҳқиқи категорияи шахсу шумораи феъл, ҳолати муосир ва мушкилоти асосии таҳқиқи категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар ин боб 3 фаслу ду зерфасл оварда шуда, назари олимон ва таҳаввули онҳоро дар мавриди феълу категорияҳои онҳо, ки даврахои бостон, миёна ва муосирро фарогир мебошанд.

Боби дуюми дисертатсия тахти унвони «**Воситаҳои ифодаи категорияҳои шахс ва шумораи феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ**» буда, доир ба вижжагиҳои категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баҳс кардааст.

Дар ин боби рисола муаллиф дар хусуси семантикаи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ маълумот дода, роҳҳои ифодаи онро дар забони англисӣ муайян намудааст.

Боби сеюми диссертатсия тахти унвони "**Вазифаҳои категорияҳои шахс ва шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои муқоисашаванда**" пешниҳод шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин боб муаллифи рисола вазифаҳои категорияҳои шахсу шумораро дар миёни дигар категорияҳои феъл муайян намуда, исбот намудааст, ки он аз муҳимтарин аъзои феъл ба шумор меравад.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ ба анҷом расонида шуда ва гувоҳи аз он медиҳад, ки масъалаҳои дар диссертатсия матраҳгардида пурра ҳалли худро ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад, унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Новобаста аз ин дар автореферат баъзе иштибоҳоту норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баёни онҳо барои такмили минбаъдаи пажӯҳиши диссертант ба манфиат мебошанд:

1. Дар истифодаи истилоҳҳо принсипи ягонаи илмӣ риоя нашудааст (масалан, дар як ҷо «тоҷикӣ-англисӣ», ҷойи дигар «англисӣ-тоҷикӣ», дар як ҷо «предметӣ», дар ҷойи дигар «ашёӣ», дар баъзе ҷойҳо "категорияи шахсу шумора", дар дигар ҷойҳо "категорияҳои шумора ва шахс" омадааст);
2. Ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ низ дида мешаванд, дар с.8 калимаи «фарқии» мавҷуд аст, "фарқи" буданаш лозим.

Қобили таъкид аст, ки чунин ғалатҳо ҷузъӣ буда, ба сифати умумии рисола ба ҳеҷ ваҷҳ таъсир намерасонанд.

Хулоса автореферати диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи “**Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ**” дар маҷмуъ кори илмии мукаммал буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ, муаллими
калони кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич

Имзои Ф.М. Маҳмадалиевро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода Суҳроб Тоир

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Данғара, кӯчаи Маркази 25
Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел: (+992) 882 08 35 78
Факс: (33-22) 2-35-06, www.ddd.2013.tj

«28» августи соли 2024